# ТАҚРИЗИ МУҚАРИЗИ РАСМӢ

**Ба диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна дар мавзуи “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ. ш. Душанбе - 2025 с.**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ аз таҳия, далелҳо, тарҳрезӣ ва равандҳои озмоишии диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна дар мавзӯи “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол” ба талаботи ихтисоси 14.03.06. - Фармакология, фармакологияи клиникӣ - и Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

2. **Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.** Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Холиқова О.У. иборат аз он аст, ки имрӯз сатҳи бемориҳои ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ мувофиқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ зиёда аз 2 млрд - ро ташкил медиҳад. Асноди асосии мубталошави ба ин бемориҳо омилҳои заҳролудшавии бо токсикантҳои табии ва вирусӣ, вайроншавии истеъмоли ғизо нушокиҳои спиртӣ, воситањои доругї, ки ба пайдоиши гепатити шадид ё музмин, бемориҳои системаи гепатобилиарӣ, роҳҳои талха, холелитиаз, стеатози ҷигар, сиррози ҷигар ва ғайра мусоидат мекунанд. Имрӯз барои муолиҷаву пешгирии аксар бемориҳои ҷигар асосан моддаҳои фаъоли табии, гиёҳҳои шифобахши дорои флавоноидҳо, полифенолҳо, кислотаҳои талхагӣ, равғанҳои атрии дорои хусусияти гепатоҳифозатии асил дошта, ки аз ҷиҳати таъсир ба равандҳои мубодилавии ба организми инсон хеле наздиканд истифода мешаванд. Бинобар ин мавзӯи таҳқиқотии Холиқова Омина Умархоновна “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол”, аз нуқтаи назариявию амалӣ ва дар ҳалли мушкилоти таъмини аҳолии бо маводди ватании аз ҷиҳати иқтисоди

каммасраф ва дастрасӣ дорои хусусияти гепатоҳифозатӣ, талхаронӣ, гиполипидемӣ ва зиддиилтиҳобӣ арзёбӣ мегардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо.** Навгонии илмии бо таҳия ва омӯзиши равғани атрии махмалаки майдагул (Tagetes patula L.), ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон меруяд алоқаманд аст. Дар диссертатсия бори аввал дар ҳайвонҳои озмоишӣ бо истифодаи усулҳои ҳозиразамон хусусиятҳои талхаронӣ, гепатоҳифозатӣ, гиполипидемӣ, зиддиоксидӣ, зиддилтиҳобӣ ва бехатарии тагетолл оиди омӯзиш қарор додаанд. Ҳамин тариқ навгонии илмии диссертант вобаста ба омӯзиши хусусиятҳои табобатии тагетол барои пешгирии бемориҳои ҷигар, системаи гепатобилиарӣ ва бемориҳои илтиҳобии гуногун ҷабҳа саҳми назаррасест, дар рушди илму амалияи соҳаи имрӯзаи тиб.

**Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

- Тагетол ба беҳбуди фаъолияти талхаронии ҷигар ва таркиби кимиёии талха дар ҳайвонҳои солим ва бо $CCl_4$ заҳролудшуда, мусоидат мекунад. Тагетол чӣ дар ҳайвонҳои солим ва чӣ дар ҳайвонҳои гурӯҳи заҳролудшуда нишондиҳандаи холестеринро барқарор намуда сатҳи МКТ, ФЛ, КХХ - ро баланд намуда, миқдори ТГ ва билирубинро паст мекунад.

- Тагетол ба пастшавии фаъолнокии ферментҳои ҷигар (АлАТ, АсАТ), (ФИ), инчунин нишондиҳандаҳои ДМ, СОД, каталаза, сафедаи умумӣ, липидҳо ва карбогидратҳое, ки дар натиҷаи таъсири заҳри ҷигаркуши $CCl_4$ вайрон шудаанд ба эътидол меорад.

- Натиҷаҳои омӯзиши хусусиятҳои гиполипидемии тагетол аз рӯйи тағйирёбии сатҳи холестерин липопротеидҳои зичиашон паст, холестерин липопротеидҳои зичиашон ниҳоят паст, холестерин липопротеидҳои зичиашон баланд ва коэфитсенти атерогенӣ дар раванди дислипидемияи атерогенӣ ва твинӣ муайян карда шудааст.

- Натиҷаҳои таҳқиқоти зиддиилтиҳобии тагетол дар моделҳои артритии гистаминӣ, серотонинӣ ва формалини амалӣ карда шуд.

- Озмоишҳо оиди муайян намудани бехатарии тагетол дар ҳайвонҳои озмоишӣ дар раванди омӯзиши шадид ва музмини токсикӣ амалӣ карда шуд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо.** Дар натиҷаи таҳақиқотҳои озмоишӣ хусусиятҳои гепатоҳифозатӣ, талхаронӣ, зиддиоксидӣ, зиддифлагогеннии тагетол, татбиқи корҳои озмоишӣ бо таҷҳизотҳои биохимиявии муосири дорои сертификат, ки барои гузаронидани амалиётҳои санҷишӣ бо шаҳодатномаи амаликунанда муҷаҳаз оиди истифода қарор дода шуд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо усулҳои коркарди омории дақиқ ва истифодаи барномаи компютерӣ муқарар гардида, миқдори озмоишҳои дар ҳайвонҳои гуногуни эксперменталӣ амалӣ гашта басанда арзёби шудааст.

Мафқеъи илмӣ, хулосаҳо ва тавссияҳои амалии дар диссертатсия оварда шудаанд ва онҳо аз маводи воқеӣ бармеоянд ва асоснок, боэътимод, ба мазмуни кор, мақсад ва вазифаҳо мувофиқанд ва дорои аҳамияти бузург илмӣ мебошанд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи омодашуда, аз муқаддима, таснифи умумии кор, шарҳу тафсири мухтасари адабиёти илмӣ, 6 боби таҳқиқоти озмоишӣ, хулоса, руйхати адабиёт. Кори дисертатсионӣ 163 саҳифа, 39 расм ва 32 ҷадвалро дарбар мегирад. Ба руйхати адабиёт 243 сарчашма ворид гардида, 93- тои он бо забоҳои хориҷӣ дарҷ гардидааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда ба таври саҳеҳ муайян шудаанд.

**Дар боби якум -** диссертатсия ба шарҳи адабиёт бахшида шудааст, дар он унвонҷӯ аз таснифи биологию химиявии рустани шуруъ намуда, шарҳи муфассал оиди хусусиятҳои физикию химиявӣ, истифодаи махмалакҳо дар ғизо ва равғани атриашон дар тибби мардумӣ ва муосир маълумотдода шудааст.

**Дар боби дуюм – ба** усулҳои таҳқиқот, миқдори ҳайвонот, тарзи нигоҳдории онҳо дар муҳити виврия бахшида шудааст, дар он аз ҷумла усулҳои талхаронӣ, гепатоҳифозатӣ, зиддиоксидӣ, зиддитоксикӣ ва зиддиилтиҳобӣ ва бехатарии тагетол бо истифодаи усулҳои биохимиявӣ, фармакологию морфологӣ тавассути дастгоҳҳо ва биолатестҳои муосир гузаронида шудааст.

**Дар боби сеюм -** ба омӯзиши хусусияти талхаронӣ дар ҳайвонҳои солим ва бо заҳри ҷигаркуши $CCl_4$ заҳролудгардонидашуда ва таъсири гепатопротектории тагетол бахшида шудааст. Дар ин боби диссертант ба таври мукаммал таъсири вояҳои гуногуни тагетолро ба фаъолнокии маркерҳои ситолитикӣ ва холестаз, инчунин нишондиҳандаҳои зиддитоксикӣ, зиддиоксидӣ, сатҳи сафедаҳо, липидҳо, билирубин ва маълумотҳои морфологии ҷигари ҳайвонҳои озмоишро нишон дода, овардааст, ки тагетол дар вояҳои 0.01, 0.02, 0.04г/кг вазн хусусан дар вояи 0.02 г/кг вазн хусусияти эътимодноки гепатоҳифозатро доро буда дар муқоиса бо маводди муқоисашавандаи олиметин ва карсил бартарии назарас нишон медиҳанд.

**Дар боби чорум -** ба омӯзиши хусусияти гиполипидемии тагетол дар раванди дислипидемияи холестеринӣ ва твинӣ (Твин-80) бахшида шудааст. Дар боби мазкур оиди таъсири тагетол нисбати липидҳо ва липопротеидҳо дар раванди гиперлипидемияи холестеринӣ ва твинӣ маълумоти амиқ дода шудааст. Аз ҷумла муайян карда шудааст, ки тагетол ҳангоми воридкунии маводди атерогенӣ сатҳи липидҳо, липопротеидҳои атерогенӣ, нишондиҳандаҳои АЛТ, АСТ, ФИ, ки дар натиҷаи гиперлипидемияи холестеринӣ ва твин-80 дар таркиби хунобаи ҳайвонҳо ба таври эътимоднок зиёд гардида буданд дар зери таъсири вояҳои 0,02 ва 0,04 г/кг-и тагетол микдори онҳо ба таври саҳеҳ коҳиш ёфта , нишондиҳандаҳои липопротеидҳои зичияшон балан ва фосфолипидҳо ба таври назаррас зиёд мегарданд, ки ин хусусияти гиполипидемии тагетол шаҳодат медиҳад.

**Дар боби панҷум –** дар боби мазкур оиди хусусияти зиддиилтиҳобии тагетол, ки ҳангоми омӯзиши илтиҳоби озмоишӣ, ки бо истифодаи медиаторҳои илтиҳобовари (гистамин, формалин ва серотонин) амалӣ шудааст оиди омӯзиш қорор гирифтааст. Муайян карда шудааст, ки тагетол дар вояҳои нишондодашуда, ситҳи варами артритиро самаранок коҳиш медиҳад, ки ин аз хосияти зиддиилтиҳобии маводди озмоишӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Дар боби шашум –** ба масъалаҳои фармакологияи умумӣ ва бехатарии тагетол бахшида шудааст. Аз ҷумла дар он оиди омӯзиши бехатарии вояҳои

гуногуни тагетол дар шароити озмоиши шадид ва музмин ( 14 шабонарӯз ва 3 моҳ) бо роҳи вориднамудани дохилимеъдавии тагетол гузаронида шуда, ва тавасути санҷишҳои фармакологӣ ва бихимияви муайян карда шудааст,ки , ки тагетол дар вояҳои 0,04- 0,1 г/кг вазн ба чӣ дар озмоиши шадид ва чӣ музмин хусусияти ками токсикӣ нишон медиҳад.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Дар натиҷаи таҳақиқотҳои озмоишӣ хусусиятҳои гепатоҳифозатӣ, талхаронӣ, зиддиоксидӣ, зиддифлагогеннии тагетол, ки дар асоси равғани атрии махмалаки майдагули дар ҳудуди ҶТ нумуъёбанда муайян карда шуд. Вобаста ба ин тагетол ҳамчун моводди гепатоҳимоявӣ, талхарон, гиполипидемӣ барои табобати бемориҳои ҷигар, системаи гепатобилиарӣ ва бемориҳои илтиҳобии этиологияи гуногундошта тавсия мешавад. Ва дар амал тадбиқ намудани он ҳамчун маводи табии ивазкунандаи доруҳои воридотӣ аз ҷиҳати иқтисоди камхарҷу дастрас арзёбӣ мегардад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи дисертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия 16 мақолаю тезисҳои илмӣ, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайдгирифташуда, интишор гардида, 10 тезису маъруза дар конфронсҳои илмию амалӣ пешниҳод шудааст ва патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироъ ба даст оварда шудааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Автореферт, ки аз диссертатсия бар меояд ба талаботи тартиби додони дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлои ва граматикӣ ҷой доранд. Саволҳо ба унвонҷӯ дода мешавад.

1. Равғани атрии махмалаки майдагулро аз куҷо дастрас намудед ё бо кадом усул ҷудо кардед
2. МДА ва СОД- ро бо кадом усул муайян намудед ?

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна дар мавзуи "Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06. - Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
**Ғиёсзода Асомуддин Шамсиддин**
**н.и.б., муовини директор оид ба илм**
**ва инноватсияи Коллеҷи тиббии**
**н. М.А.Ҳамадонӣ**
**«28» 02 2025с**
**Суроға:734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,**
**кучаи Пушкин 8/3 хуҷраи 1**
**Тел: (+992) 555059920**
**E-mail: asom giysov@mail.ru**

**Имзои Ғиёсзодда А.Ф - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Коллеҷи тиббии**
**н. М.А.Ҳамадонӣ Сатторов И.И.**

**Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**н. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, шаҳраки**
**Москва кӯчаи И.Сомонӣ № 27**
**Тел: (992 ) 905113909.**
**E-mail: info.hamadoni@gmail.com,**
**«28» 02 2025с**